آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

**Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)**

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

**11 апрели соли 2026 Шанбе № 29 (15248)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# СИМОИ НАВИ БУХОРО ДАР ТАШАББУСҲОИ БУНЁДКОРОНА ДАР РОҲИ МАНФИАТИ МАРДУМ ТАҶАССУМ МЕЁБАД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 10 апрел бо корҳое, ки ҷиҳати рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Бухоро амалӣ мегарданд ва лоиҳаҳои ояндадор шинос шуд.**



Сардори давлат зимни сафар ба шаҳри Бухоро нахуст бо корҳои бунёдкорие, ки дар маркази нави маъмурии вилояти Бухоро амалӣ мешаванд, шинос гардид.

Ин маҷмаа идомаи таҷрибаи муттаҳидсозии мақомоти идоракунӣ мебошад, ки дар ноҳияи Кўкдалаи вилояти Қашқадарё аз санҷиш гузаронида шудааст. Дар он ҷо 38 идораи давлатӣ дар як ҷо ҷамъ оварда шуда, барои аҳолӣ шароити мусоид фароҳам гардидааст. Шаҳрвандоне, ки пештар барои анҷом додани корҳои гуногун масофаи дурро тай карда, ба ноҳияҳои дигар мерафтанд, ҳоло метавонанд ҳамаи хизматҳоро дар ҷои наздик ба даст оранд.

Президент соли гузашта зимни сафар ба Кўкдала таъкид карда буд, ки чунин усул бояд барои тамоми ноҳияҳо намуна гардад. Дар муддати сипаришуда дар дигар минтақаҳо низ дар асоси ҳамин таҷриба бунёдкорӣ оғоз ёфтааст.

Бахусус, маркази маъмурии Бухоро дар масоҳати 14 гектар бунёд шуда, дар марҳилаи аввал ҳокимиятҳои вилоят ва шаҳр, прокуратураи вилоят ва садорати корҳои дохилӣ барин идораҳои давлатӣ дар як ҳудуд ҷойгир шуданд. Ин, пеш аз ҳама, ба беҳтар шудани ҳамоҳангии мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, суръат бахшидан барои баррасии мурочиатҳо ва баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои давлатӣ хидмат мекунад.

Маҷмаа танҳо аз биноҳои маъмурӣ иборат нест. Дар ин ҷо барои фароғати шаҳрвандон гулгашт, фаввора ва минтақаҳои сабз низ бунёд мегарданд.

Президент бо корҳои бунёдкорӣ дар бинои нави ҳокимияти вилоят низ шинос шуд.

Зарурати пайваста идома додани муттаҳидсозии мақомоти давлатӣ дар марказҳои ягонаи маъмурӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ба мардум ва таъмини дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои зарурӣ дар як ҷо, бе он ки ба суроғаҳои гуногун раванд, таъкид гардид.

Ҳамчунин, дар ин ҷо ба роҳбари давлат корҳое, ки ҷиҳати рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа ва фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ амалӣ мешаванд, муаррифӣ гардиданд.

Аз ҷумла, гуфта шуд, ки аз ҷониби бонкҳо бо истифода аз зеҳни сунъӣ дар қиёси минтақа ва маҳаллаҳо таҳлилҳо гузаронида шуда, дар мисоли ноҳияи Бухоро нуқтаҳои рушд муайян гардидаанд. Ин таҳлилҳо барои дар ҳамбастагӣ арзёбӣ намудани захираҳои замин, об, меҳнат, талаботи бозор, инфрасохтор ва иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ имконият доданд. Дар натиҷа, соҳаҳои агробизнес, сайёҳӣ, саноат ва хизматрасониҳои канори роҳ ҳамчун самтҳои ояндадори ноҳияи Бухоро муайян гардидаанд.

Бахусус, имкониятҳои азхудкунии 15 ҳазор гектар замин, бунёди 500 гектар токзорҳои нав, рушди экотуризм, инчунин татбиқи лоиҳаҳои нав дар соҳаҳои нафту газ, кимиё, сохтмон ва саноати хўрокворӣ зикр шуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тўли солҳои 2026-2031 дар ин самтҳо ба маблағи 7,4 триллион сўм лоиҳаҳо амалӣ намуда, 15 ҳазор ҷойи нави кориро таъсис додан мумкин аст.

Инчунин, таъкид гардид, ки 36 маҳаллаи ноҳияро метавон ба 6 самти асосӣ – токпарварӣ, сабзавоткорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, сайёҳӣ ва хидматрасонӣ ихтисосонидан имконпазир мебошад. Барои суръат бахшидан ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо, бо истифода аз зеҳни сунъӣ роҳҳои ҳалли масъалаҳо ҷиҳати ташаккули пойгоҳи захираҳо, таҳияи автоматии нақшаҳои тиҷоратӣ, назорати гардиши маблағ ва натиҷаҳо дар вақти воқеӣ таҳия карда мешаванд.

Президент таъкид кард, ки бо истифода аз имкониятҳои зеҳни сунъӣ, муайян кардани иқтидори ҳар як минтақа, таҳияи лоиҳаҳо бо таваҷҷўҳ ба натиҷаҳо ва дастгирии ташаббусҳое, ки ба афзоиши шуғл ва даромади аҳолӣ мусоидат мекунанд, муҳим мебошад.

Сипас Президент Шавкат Мирзиёев ба қисми таърихии Бухоро ташриф овард.

Сардори давлат сокинони шаҳр ва меҳмононро самимона истиқбол намуд.

Дар бораи корҳое, ки бобати ҳифзи мероси ғании фарҳангӣ, нигоҳдории симои таърихии Бухоро, инчунин боз ҳам обод кардани он амалӣ мегарданд, маълумот дода шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев зимни сафар ба Бухоро бо лоиҳаи сохтмони фурудгоҳи нави шаҳр шинос шуд.

Дар мамлакат инфрасохтори нақлиётӣ пайваста рушд меёбад. Роҳ ва пулҳои нав сохта шуда, шароити мусоид барои мусофирон афзун мегардад. Бояд гуфт, ки сардори давлат соли 2024 зимни сафар ба вилояти Бухоро бо мақсади рушди минбаъдаи иқтидори сайёҳии минтақа аз рўйи сохтмони фурудгоҳи нави байналмилалии Бухоро супориши муҳим дода буд.

Барои бунёди ин иншооти нақлиётӣ ва инфрасохтори шафати он берун аз шаҳр ҷамъ 370 гектар замин ҷудо гардидааст. Дар доираи лоиҳа инчунин роҳи автомобилгард, ки ба фурудгоҳ мебарад, сохта мешавад. Дарозии умумии он 23,8 километрро ташкил намуда, аз он 2,7 километр роҳи комилан нав мебошад ва 21,1 километр бозсозӣ мешавад. Инчунин, дар канори роҳ бунёди 2 гузаргоҳи болоӣ, 9 гузаргоҳи зеризаминии пиёдагард ва 8 пул дар назар аст.

Мувофиқи лоиҳа, дар фурудгоҳи нав хати парвозу нишаст бо дарозии 3,3 километр сохта мешавад, ки қобилияти қабули ҳама намуди ҳавопаймоҳоро дорад. Инчунин, маҷмааи терминали мусофирбарӣ бо иқтидори хизматрасонӣ ба 1200 нафар дар як соат бунёд хоҳад шуд.

– Мо ҳадаф дорем, ки фурудгоҳе созем, то ба аҳолии вилояти Бухоро, инчунин, сайёҳони маҳаллӣ ва хориҷӣ хизматрасонии муосир ва мусоид пешниҳод кунад. Аз ин рў, ин аэропорт бояд ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ комилан мувофиқ бошад, – гуфт Президент.

Ба сардори давлат инчунин дар бораи дигар лоиҳаҳои сохтмонӣ, ки ба баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва сайёҳии вилояти Бухоро нигаронида шудаанд, маълумот дода шуд.

Сафари Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев ба Бухоро идома дорад.


**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбирони ЎзА.**


*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ПРЕЗИДЕНТИ ҚАЗОҚИСТОН БО САФАРИ КОРӢ БА ЎЗБЕКИСТОН МЕОЯД

***Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев 11 апрел бо сафари корӣ ба мамлакати мо меояд.***

Дар доираи ташриф дар Бухоро музокироти сатҳи олӣ баргузор мегардад. Дар он масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои дўстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии байни Ўзбекистон ва Қазоқистон баррасӣ хоҳад шуд. Ба таҳкими муколамаи сиёсӣ, ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, байниҳукуматӣ ва байниминтақавӣ диққати махсус дода мешавад.

Инчунин, роҳбарон масъалаҳои афзунсозии ҳаҷми гардиши мол, амиқсозии ҳамкориҳои саноатӣ, пешбарии лоиҳа ва барномаҳои муштарак дар бахшҳои нақлиёт, энергетика, об ва экология, инчунин фаъолсозии мубодилаи фарҳангӣ ва гуманитариро баррасӣ хоҳанд кард.

Аз рўйи масъалаҳои рўзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ низ табодули афкор сурат мегирад.

Якҷоя зиёрат кардани ёдгориҳои таърихӣ, шиносоӣ бо фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва намоиши маҳсулот ба нақша гирифта шудааст.

**ЎзА.**

***Дар воҳаи Сурхон бо мақсади таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ корҳои амалӣ ҷиҳати васеъ ҷорӣ намудани «Таҷрибаи пойтахт» дар минтақаҳо пайгирона идома доранд.***

## «ТАҶРИБАИ ПОЙТАХТ» — ДАР МИНТАҚАҲО

Бо ҳамин мақсад, чанде қабл гурўҳи корие таҳти роҳбарии вазири корҳои дохилӣ Азиз Тошпўлатов ва ҳокими вилоят бо рафти корҳои амалишаванда дар маҳалҳо шинос шуданд.

Дар доираи ошноӣ сохтмони Маркази муосири вазъият, ки дар маҳаллаи «Дўстлик»-и шаҳри Тирмиз бунёд гардида истодааст, аз назар гузаронида шуд.

Таъкид гардид, дар ин марказ, ки дар асоси тамоюли «Шаҳри бехатар» ташкил карда мешавад, зарур аст равандҳои рақамисозӣ тезонида шаванд, корҳои сохтмонӣ дар пояи илмӣ сурату суръат гирад ва технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ васеъ ҷорӣ гарданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## САЛОМАТӢ – БЕХИ ДАВЛАТ

***ё гузориш аз муолиҷагоҳи бемории сили шаҳри Самарқанд***

***Бино ба маълумоти Созмони ҷаҳонии нигаҳдории тандурустӣ дар дунё бемории сил авҷ гирифтааст. Баъди Ковид дар кишвари мо низ миқдори ин беморӣ бештар шуд. Маълум аст, ки Президент ба такмили низоми тандурустӣ, баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва самаранокии ислоҳот дар ин соҳа эътибори махсус медиҳад.***
***Моҳи январи соли 2023 Қарори сардори давлат «Дар бораи чораҳои рушди минбаъдаи хидмати фтизиатрия ва пулмонология дар солҳои 2023-2026» қабул гардид, ки ба пешгирӣ ва муолиҷаи сил нигаронида шудааст.***

Бояд гуфт, ки дар вилояти Самарқанд маркази ягонаи фтизиатрия ва пулмонология ҳаст ва он дорои 590 кати табобатӣ, 16 шуъбаи мубориза бар зидди сил, сиҳҳатгоҳи бачагона барои 240 нафар мебошад.

Шифохона дар шафати деҳаи хушҳавои Миронқул воқеъ буда, масоҳаташ беш аз 10 гектар аст. Замоне ин ҷо дар тасарруфи омўзишгоҳи кишоварзӣ буд, ки бо баъзе сабабҳо аз байн рафт. Бо салоҳдиди ҳокимияти вилоят шифохона аз шаҳри Самарқанд ба ин ҷо кўчонида шуд. Сардухтури собиқ шодравон Толиб Турсунов барои ободу зебо ва ба муолиҷагоҳи замонавӣ табдил ёфтани ин маскан хидмати бисёр кард. Аз ҷумла, бо ташаббуси ў чандин бинои иловагӣ қад афрохт, гулгашту боғҳои истироҳатӣ бунёд гардид.

Мо бо супориши таҳририят ҳанўз офтоб баланд нашуда, ба марказ омадем. Насими фораму бўйи гулу сабза, ҳавои дилкушову муаттар рўҳи касро навохта кайфияти аҷибе мебахшид. Дар оғўши ин табиат ва манзараҳои фусункор муддате бозистода, панду ҳикматҳои бузургонро, ки дар тахтачаҳо сабт ёфтаанд, хондем ва пасон ба қабули сардухтур даромадем.

Аз суҳбат бо шифокори тоифаи олӣ Шералӣ Шерқулов маълум шуд, ки ў аз соли 2017 саршифокор буда, барои такмили ихтисос ва таҷрибаомўзӣ ба Русия, Олмон, Хитой сафар кардааст.

– Бо сиёсати дурандешонаи сардори давлат сифат ва самаранокии соҳаи тандурустӣ рўз аз рўз беҳтар мегардад, – гуфт Шералӣ Рустамович. – Дар доираи барномаи миллӣ ҳар сол дар байни мардум пурсишу ташхис гузаронда, шахсони ба бемории сил гирифтор муайян карда, муоинаҳои мақсадноки тиббӣ анҷом дода мешаванд. Танҳо соли гузашта дар вилоят 48 ҳазору 83 нафар аз назорати диаскинтестӣ, 624 нафар бинобар сил ва 238 ҳазору 487 нафар аз флюорография гузаронида шуданд. Беморон муайян гардида, барои табобати ройгон роҳхат гирифтанд. Бояд гуфт, ки ташхис ва профилактика аз тариқи технологияи замонавӣ самараи хуб медиҳанд. Инчунин, тадбирҳои «шифокорони бидуни сарҳад» низ натиҷаҳои хуб медиҳанд. Дар асоси ин тадбирҳо ходимони мо дар шаҳрҳои Маскав, Рига, Урумчӣ ва ғайра такмили ихтисос намуданд. Дар муассисаҳои статсионарӣ ташхиси сил бо истифода аз зеҳни сунъӣ ҷорӣ шуда, масирҳои беморон рақамӣ мегарданд. Дар доираи барномаи миллӣ дар Низоми иттилоотии «Тандурустии электронӣ» феҳристи электронии беморон ва аҳолии ба гурўҳи хавф дохилшуда нигоҳ дошта мешавад. Ба корҳои пешгирӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ аҳамияти махсус медиҳем. Ҳамасола 24-уми март – Рўзи ҷаҳонии мубориза бо сил чорабиниҳои оммавии ройгон оид ба ташхис, флюорография, инчунин баланд бардоштани дониши тиббии аҳолӣ гузаронда мешаванд. Барои дақиқ муайян кардани бемории сил ва табобати он аз ҳисоби маблағҳои грант, ки 862 миллиарду 900 миллион сўмро ташкил мекунад, таҷҳизоти замонавии тиббӣ харидем.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## БОЗОРҲОИ ДЕҲҚОНИИ ТОШКАНД ДАР ШАРОИТИ НАВ

***Бозорҳо, хусусан дар кишварҳои Шарқ, як ҷузъи муҳими зиндагии мардум мебошанд. Дараҷаи рўзгор низ то андозае ба фаровонии растаҳо аз навъҳои гуногуни амвол, нархи наво дар фурўшгоҳҳо вобастагӣ дорад. Алалхусус бозорҳои деҳқонӣ ва маҷмўъҳои тиҷоратие, ки дар онҳо маҳсулоти озуқаворӣ хариду фурўш карда мешаванд, ҳамеша сердаманд.***
***Дар шаҳри Тошканд бозорҳои зиёд мавҷуд. Чорсў, Қўйлиқ, Олой, Юнусобод, Паркент, Авиасозлар ва амсоли онҳо калонтарин бозорҳои озуқаворӣ мебошанд. Абусаҳӣ, ки пештар «Ипподром» мегуфтанд, ҳамчунин маҷмўъҳои тиҷоратие, ки дар атрофи он ҷой гирифтаанд, калонтарин Маркази савдо дар Осиёи Марказист. Ўриксор (Корвонбозор) ва Уч қаҳрамон низ бозорҳои калон буда, дар онҳо асосан молҳои ниёзи мардум савдо карда мешаванд. Дар Тошканд боз якчанд маркази тиҷоратӣ мавҷуд, ки ба фурўши маҳсулоти сохтмон ихтисосонида шудаанд.***

Алъон сухан дар бораи бозорҳои деҳқонии Тошканд ва фаъолияти онҳо дар шароити нави таърихӣ аст.

Бозори «Чорсў» дар қисмати «Шаҳри куҳна»-и Тошканд ҷойгир буда, онро «бозори таърихӣ» низ меноманд. Таърихи чандасра дорад ин бозор. Баробари маркази савдо будан он чун яке аз «маркази мадании шаҳри азим» низ арзёбӣ мегардад.

Дар ҳамаи фаслҳои сол аз растаҳои «Чорсў» меваҷоту сабзавоти тару тозаи маҳалливу хориҷиро харид кардан мумкин. Хусусан, бозори гўшт ҳамеша серхаридор. Растаҳои меваҷоти хушк, дар навбати худ, эътибори харидоронро ба худ мекашад.

Биноҳои нави тиҷоратӣ, ки ҳамоҳангии меъмории милливу замонавиро дар худ таҷассум кардаанд, диққати сайёҳони хориҷиро низ ба худ мекашанд. Сайёҳе, ки ба Тошканд омад, бе саёҳату зиёрати Чорсўи қадима пас намегардад.

Бозори Миробод дар маркази шаҳр воқеъ аст. Хусусан аз растаи маҳсулоти гўштиву ширӣ ҳамеша озуқаворин нав ва хушсифатро пайдо кардан мумкин. Вале нархи наво нисбати бозорҳои дигар андак қиматтар.

Бозори аз ҳама қиммат дар Тошканд Олой аст. Ин бозор низ мисли «Чорсў» аз бозорҳои қадима. Чанд сол пештар мавриди тармим ва модернизатсия қарор гирифт ва куллан симои худро дигаргун сохт. Дар «Олой» баробари маҳсулоти озуқаворӣ фурўши навъҳои гуногуни амвол ба роҳ монда шудааст. Хоссатан, барои хариди маҳсулоти заргарӣ ва ороишоти занона мардум ба ин бозор омада, чизи дилхоҳашонро пайдо карда метавонанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# САЛОМАТӢ – БЕХИ ДАВЛАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**– Шералӣ Рустамович, дар урфият: «шунидан кай бувад монанди дидан», мегӯянд... Мумкин аз марказ дидан кунем?**

– Фаҳмо. Ҳоло ҷонишини ман оид ба корҳои хоҷагӣ Абдуқаҳҳор Рашидов, ки барои ободу зебо гардидани ҳудуди марказ ва мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникӣ саҳми арзанда гузоштааст, ба шумо роҳбалад мешавад.

– Ман инак 20 сол боз дар муолиҷагоҳ меҳнат мекунам, – нақл кард раҳорах Абдуқаҳҳор Рашидов. – Дар ин муддат беш аз 10 ҳазор бех ниҳоли дарахтони манзаравӣ, сояафкан, мевадеҳ ва гулбуттаҳои гуногун рӯёндем. Агар эътибор дода бошед, дар яке аз тахтачаҳо суханони алломаи тиббиёт Ибни Сино сабт ёфтааст: «Агар чангу ғубор ва ғам намебуд, одам ҳазор сол умр медид». Аз ин лиҳоз дар ҳудуди мо ҳаво тоза ва атроф гулу шукуфзоранд. Боз «гӯшаи зинда» дорем, ки дар он товус, кабӯтар, булбул ва дигар паррандаҳои хушхон нигоҳ дошта мешаванд. Мо ба ҳикмати «табиат мекунад моро табобат» имон меоварем.

Саргарми суҳбат ба шуъбаи ташхисгузорӣ расидем. Мудири он зани резапайкару кушодачеҳра Роҳбара Турсунова моро бо хилъати ҳамранги табиати муолиҷагоҳ хуш истиқбол кард. Дар утоқи кории ӯ сурати марди нигоҳаш ҷиддӣ диққати моро ҷалб намуд.

– Ин кас падари Роҳбара раҳматӣ Толиб Турсунов, – аз нигоҳи ман рамуз гирифта, гуфт Абдуқаҳҳор Рашидов. – Устод барои муолиҷагоҳро ба шифохонаи замонавӣ табдил додан саҳми арзанда гузоштаанд.

– Ҳар саҳар чун ба кор оям, – чеҳраи гарми падари бузургворам, устоди аввалинамро дида, баробари ғам хӯрдан, дилам ба кор гармтар мешавад, – мегӯяд Роҳбара Толибовна.

– Сил бемории сирояткунанда буда, намудҳои гуногуни микробактерияҳоро ба вуҷуд меоварад. Дар бораи сироят, аломат ва тарзи муолиҷаю пешгирии он дар асарҳои Ибни Сино ва дигар табибони машҳур маълумоти фаровон ва муфид мавҷуданд. Соли 1882 олими маъруфи Олмон Р.Кох барангезандаи бемории силро кашф кард. Бояд гуфт, ки манбаи асосии ин касалӣ шахси бемор аст. Норасоии сафедаҳои ҳайвонот ва махсусан витамини «С», шароити номусоиди кор, яъне ҳавои чангу дудолуд, ифлос, тамокукашӣ, майпарастӣ, диабети қанд ва ғайра барои пайдоиш ва инкишофи сил сабаб мешаванд. Сили устухон, буғум, сутунмуҳра бештар аз хурдсолӣ оғоз ёфта, боиси коҳиш ёфтани қобилияти корӣ мегардад. Ҳолати вазнини он табоҳ ёфтани бофтаҳои шуш аст, ки онро бо роҳи флюорография ташхис мекунанд.

**– Барои пешгирии беморӣ чӣ бояд кард?**

– Ин аввало, беҳгардонии шароити зиндагиву кор, инчунин муҳофизати муҳит, табиат, тарбияи ҷисмонӣ, обутоби организм, меъёри махсуси хӯрокхӯрӣ ва даст кашидан аз носу тамоку аст. Тааҷҷубовар он мебошад, ки баъзе шахсон баъди «мазза аз қайла» гузаштан, яъне пас аз ба дарди сил гирифтор шудан ба мо муроҷиат мекунанд. Бинобар ҳамин табобати беморӣ душвор мегардад. Ба ҷони худ ҷабр кардан, бешубҳа, камоли гумроҳӣ асту бас.

Воқеан, бояд таъкид намуд, ки дар муолиҷагоҳ аксар шифокорон мутахассисони баландихтисос, соҳибтаҷриба мебошанд, ки яке аз онҳо мудири шуъбаи ҷарроҳӣ Имомқул Қодиров аст. Ӯ, инак 50 сол боз ба беморони гирифтори сили устухону шуш ҳаёти дубора мебахшад.

– Дар ҳар як кор завқу шавқи баланд, сидқу вафо, муҳаббат ба касб лозим. Дар мактаби олӣ таҳсил карда, соҳиби диплом шудан, ҳанӯз маънии соҳиби илму дониш ва малака буданро надорад, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд ҷарроҳ.

Барои ситоиш не, вале бояд ба маълумоти шумо расонам, ки ман фаъолияти худро ҳамчун фелдшер оғоз карда, ҳоло мудири шуъба ҳастам. Навбатдорӣ, бедорхобӣ, шабзиндадорӣ зиёд. Шукри Худо, ки соҳиби унвони шифокори тоифаи олӣ шудам, шогирдони бисёр дорам. Чанде пеш дар Хитой ҳам таҷриба омӯхтам ва ҳам сабақ додам. Дар байни шогирдон доктори фанҳои тиб, мудири шуъбаҳо зиёданд. Профессор Мансур Аъзамов, номзадони фан Сиддиқ Рустамов, Гӯзал Муродова, Рустам Ҷӯрақулов, Ҷонибек Ҳусниддинов аз ҷумлаи шогирдони ба ҳайратовардаи устоданд. Илтимос, исму насаби ҳамшираи шафқат Додарой Тӯрақулова, Хосият Холиқова, Наргиза Иброҳимоваро зам кунед, ки хастанопазирона дар атрофи беморон парвонаанд.

Сипас, бо хоҳиши Абдуқаҳҳор Рашидов аз мактаби марказ низ боздид кардем. Ҷонишини марказ оид ба корҳои таълим Холмурод Сафаров иттилоъ дод, ки дар мактаб беш аз 60 талаба таълиму тарбия мегиранд. Ба онҳо 14 омӯзгор аз фанҳои гуногун сабақ медиҳанд.

– Дарсҳо баъди хӯроки нисфирӯзӣ оғоз меёбанд, таълим ба забони давлатӣ аст, – гуфт Холмурод Сафаров. – Табобати наврасон дар муолиҷагоҳ баъзан аз як моҳ то 7-8 моҳ тӯл мекашад, бинобар ҳамин дар ин ҷо мактаб ташкил шудааст. Мо китобхона ҳам дорем, ки баробари китобҳои дарсӣ асарҳои бадеӣ низ дорад.

Хуллас, дар муолиҷагоҳ тамоми шароит барои ташхис ва табобати беморони сил муҳайёст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**



*Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Полмон»-и ноҳияи Қувасойи вилояти Фарғонаи ба Қирғизистон ҳамҳудуд ҷойгир мебошад, бо комёбиҳои худ оид ба боғдорӣ ном баровардаанд. Алҳол дар маҳаллаи мазкур тақрибан 4500 нафар аҳолии қирғизтабор истиқомат мекунанд. Яке аз фаъолони маҳалла, собиқадори меҳнат Маманбой Мақситов аз замини худ пурмасар истифода мебарад. Вай дар 14 сотих замин лолаҳои нидерландӣ парвариш намуда, соле ду бор ҳосил мегирад.*

*Бояд гуфт, ки Маманбой Мақситов ба 10 нафар ҳаммаҳаллаҳои худ асрори лолапарвариро меомӯзонад.*

***Дар сурат:** (дар чап) **Маманбой МАҚСИТОВ** дар замини худ, ки бо парвариши лолаи нидерландӣ машғул аст.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

# «ТАҶРИБАИ ПОЙТАХТ» – ДАР МИНТАҚАҲО

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ин ҷараён, ҳамчунин, корҳои анҷомдодашуда дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои вобаста ба соҳаи технологияҳои иттилоотӣ муаррифӣ карда шуданд. Қайд гардид, ки дар натиҷаи чорабиниҳои амалӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ, шумораи чунин намуди ҷиноятҳо нисбат ба моҳи гузашта 21 фоиз кам шудааст.

Гурӯҳи корӣ дар ноҳияи Ҷарқӯрғон низ бо корҳои ободониву созандагие, ки дар мавзеи «Янги Ӯзбекистон» анҷом дода мешаванд, шинос гардид.

Бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҳудуд, пешниҳодҳои лоиҳавӣ оид ба сохтмони бинои наву замонавии шуъбаи корҳои дохилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар мулоқот бо масъулон ба масъалаҳои ба ҳудуди аз ҷинояткорӣ озод табдил додани маҳаллаҳо, баланд бардоштани самаранокии корҳои профилактикӣ ва тақвияти муколамаи ошкоро бо аҳолӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид.

Дар мавзеи навбатӣ – маҳаллаи «Баҳористон»-и но-ҳияи Деҳнав корҳои анҷомёфта ҷиҳати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва фароҳам овардани муҳити бехатар мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

Ахбори масъулон оид ба нақшаҳои пешгирии саривақтии ҷинояткорӣ шунида шуданд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# БОЗОРҲОИ ДЕҲҚОНИИ ТОШКАНД ДАР ШАРОИТИ НАВ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Яке аз бозорҳои нисбатан арзонтар дар пойтахт «Юнусобод» буда, дар шафати ноҳияҳои Тошканд ва Қибрай ҷой гирифтааст. Деҳқонон ва фермерҳо, яъне худи истеҳсолгарон низ дар ин бозор бо нархи дилхоҳашон ҳосили бо арақи ҷабин рӯёндаашонро фурӯхта метавонанд.

Дар қисмате, ки пештар маҳсулоти озуқаворӣ фурӯхта мешуд, алъон корҳои азими сохтмон оғоз ёфтаанд – дар ин ҷо қомат рост кардани маҷмӯи калони тиҷоратӣ ба нақша даромадааст.

Нархи наво дар бозори Фарҳод низ ба қавли маъруф «ҳамёнбоб». Онро «бозори нав» ҳам меноманд (соли 1971 сохта ва ба истифода супурда шудааст). Бозор дар байни ду ноҳияи калони пойтахт – Чилонзор ва Олмазор, дар хатти буриши кӯчаҳои Фарҳод ва Лутфӣ мавқеъ ёфтааст.

Бозоре, ки ҳамеша серравуост, Қӯйлиқ мебошад. Ба Қӯйлиқ хусусан аҳолии бумӣ муҳаббати хосса доранд ва онро «бозори халқӣ» меноманд. Дар ин ҷо ҳама вақт меваҷоти тару тозаро бо нархҳои арзон дарёфт кардан мумкин.

Бозори деҳқонии «Қӯйлиқ» ва майдони тиҷорати яклухти ба он пайванд Food City вақтҳои охир куллан симои худро тағйир дод. Бозори нави деҳқонии ба кулли шароитҳо молик дар 60 гектар майдон доман густурдааст.

Акнун савдогарон дар кори ба иҷора гирифтани растаҳо шарт нест дар аукционҳо иштирок намоянд. Аҳамиятнокаш, фурӯшгорон иҷорапулии рӯзона не, балки мувофиқи тартиби нав иҷорапулии моҳона месупоранд.

Маъмурияти бозорҳои деҳқонӣ дар Тошканд хусусан вақтҳои охир ба сифати хидматрасонӣ эътибори калон медиҳанд. Нархи наво, шарт ва шароитҳое,ки ба аҳолӣ офарида шудааст, мунтазам омӯхта мешавад.

Дар ин хусус дар Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳим мақсад ва вазифаҳои мушаххас муайян карда шудаанд.

Бо мақсади ба амал баровардани нуктаҳои муайяншуда, яъне таъмини иҷрои мақсаду вазифаҳо гурӯҳҳои махсуси корӣ таъсис ёфтаанд. Дар баробари шахсони масъули ҳокимиятҳои маҳаллӣ фаъолони ҳизбҳо, аъзои парлумони ҷавонон, депутати шӯроҳои маҳаллӣ ба таркиби гурӯҳҳои корӣ дароварда шуда, аз ҷониби онҳо масъалаҳои муттасил таъмини бозорҳои деҳқонӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, корҳое, ки ба баркарорсозии нархи наво дар бозорҳои дохилӣ нигаронда шудаанд, муҳокима карда мешаванд. Ҳолати маҳсулоти озуқаворие, ки ба мавсимҳои зимистон ва аввали баҳор захира карда мешаванд, низ аз эътибор дур нест.

Натиҷаҳои омӯзишҳо ҷамъбаст ёфта, комёбиву норасоиҳо дар муҳокимаҳои ҷамоатӣ мавриди гуфтугӯ қарор дода мешаванд.

Дар баробари таъмин намудани бозор бо муҳимтарин навъҳои маҳсулоти озуқаворӣ ва барқарории нарх масъалаҳои ободонии ҳудуди бозорҳо, риоя намудан ба қоидаҳои санитарӣ-эпидемиологӣ дар асоси низомҳое, ки муайян шудаанд, дида баромада мешавад.

Бо мақсади фароҳам овардани қулайӣ хоссатан ба аҳолии камтаъмин дар кулли бозорҳои калони деҳқонии Тошканд растаҳои «Хидмат ба мардум» ташкил карда шуда, дар онҳо фурӯши маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва озуқаворӣ бо нархҳои арзон ба роҳ гузошта шудааст.

Сарпурии растаҳо аз маҳсулоти ҳархела ба кас қаноатмандӣ бахшад ҳам, дар бозорҳои деҳқонӣ баъзе ҳолатҳои табъро хиракунанда ҳанӯз ба назар мерасанд. Масалан, дар болои намунаи сабзавот, ки дар рӯйи пештахтаанд, фурӯшгорон нархҳоро навишта мондаанд. Вале онҳо маҳсулоти хушсифати рӯйи пештахтаро не, маҳсулоти бадсифати паси пештахтаро ба тарозу мегузоранд. Дар растаҳои гӯштфурӯшӣ нархро навишта мондаанд, вале бо он нарх не, гӯштфурӯшон бо нархи баландтар маҳсулоти худро мефурӯшанд. Ё худ дар баъзе растаҳо нархҳои ҳамёнбоб (нисбатан арзонтар) ба болои маҳсулот навишта шудааст, мехоҳед бихаред, вале фурӯшгор нест. Мефаҳмед, ки чунин иқдом танҳо барои намоиш (ё худ «хӯҷакӯрсин») ташкил карда шудааст.

Пай мебаред,ки растаҳои ҳарҷониба қулайро соҳибкор (ё худ «хариду фурӯшгар», ӯзбекиаш «олибсотар») банд кардааст. Деҳқон чӣ кор мекунад? Вай маҷбур аст дар роҳравҳои канораи бозор ва ё берун аз бозор, дар ҷойҳои барои пиёдаҳо ҷудошуда деҳқонии худро бифурӯшад. Дар ҳавои гарм ё худ таҳи барфу борон...

Баъзан мешавад вақте деҳқон мошини боркашеро киро карда, маҳсулоти худро ба бозор оварад, «олибсотар» ба вай мечаспад. Вай маҷбур аст бо нисфи пулаш деҳқонии бо заҳмати зиёд рӯёнида ва ба бозор расондаашро бифурӯшад.

Ба ҳоли занҳое, ки дар роҳравҳо сабзиву пиёз мефурӯшанд, раҳми кас меояд. Ҳарчанд дар растаи офтобпанаҳ не, дар таҳи офтоби гарм савдо мекунанд, ҳақи чиптачиҳоро нодиҳанд, халос намешаванд...

Албатта, ин қабил камбудӣ ва норасоиҳо ислоҳшавандаанд. Аз ҳама асосиаш, бозорҳоямон аз маҳсулоти деҳқониву озуқаворӣ сарпур. Як соли охир танҳо нархи гӯшт боло рафт. Нархи дигар маҳсулоти озуқавории ниёзи мардум дар ду соли охир қариб бетағйир мондааст.

Навигарии хушнудкунанда он аст, ки барномаи электронии «Бозори рақамнок» дар режими тест ба кор андохта шудааст. Барои ҳалли масъалаи интегратсионӣ бо мақомоти андоз ва дар режими вақти реалӣ назорат кардани даромадҳо имкониятҳо фароҳам омадаанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ТАЪМИНИ АҲОЛИИ МИНТАҚАҲО БО ДОРУВОРИИ ЗАРУРӢ

***Дорусозӣ яке аз соҳаҳои муҳим дар ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон мебошад. Доруҳои босифат, усулҳои муассири табобат ва стандартҳои бехатарӣ асоси низоми тандурустии аҳли ҳар кишвар мебошанд. Аз ин рӯ, дар Ӯзбекистон ба рушди бахши дорусозӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ва таъмини аҳолӣ бо доруи зарурӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Ислоҳоте, ки аз ҷониби ҳукумат таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев оғоз шуда буданд, барои саноати дорусозӣ уфуқҳои наверо боз карданд.***

***Имрӯз шумораи корхонаҳое, ки дар бозори дорусозии Ӯзбекистон бо фуруши яклухти доруҳо машғуланд, 455 адад аст. Яке аз онҳо ҷамъияти саҳҳомии «Дори-дармон» мебошад.***

***Дар ин замина, мо бо иҷрокунандаи вазифаи раиси Шӯрои директорони ҷамъияти саҳҳомии «Дори-дармон» Абдуғанӣ КОМИЛОВ суҳбат оростем, то оид ба фаъолияти ширкат, дастовардҳо ва нақшаҳоиояндаи он маълумоти бештар гирем.***



**– Абдуғанӣ Комилов, лутфан дар бораи самтҳои асосии фаъолияти ширкат маълумот медодед.**

– Ширкати мо чанд сол боз дар бозор фаъолият мекунад ва ҳадафи асосии мо таъмин намудани аҳолӣ бо доруи босифат ва дастрас мебошад. Зиёда аз 1300 дорухонаи иҷтимоӣ ва филиалҳо, ки бо тиҷорати яклухт ва чакана машғул аст, фаъолият мекунанд. Аз ин 1143 дорухона, ё 87,6 фоиз дар минтақаҳои деҳот ҷойгиранд. Имрӯз ҳамаи дорухонаҳо, ки дар саросари Ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд, ба талаботи «Амалиёти зарурии дорусозӣ – GPP» ҷавобгӯ мебошанд.

**– Киҳо ҳангоми табобати амбулаторӣ ба дастрасии имтиёзнок ба доруворӣ ҳуқуқ доранд?**

– Доруворӣи имтиёзнок бо таъини духтурон дар муассисаи амбулаторӣ, тавассути дорухонаҳо ройгон дар асоси дорухати имтиёзноки духтури муроҷиаткунанда ба тоифаи муайяни шахсон ҳангоми табобати амбулаторӣ дода мешавад.

Дар асоси қарори Девони Вазирон «Дар бораи чораҳои такмили минбаъдаи тартиби таъмини тоифаи муайяни шахсон бо дору бо асосҳои имтиёзнок» 14 тоифа шахсонеро, ки барои таъмини имтиёзноки доруворӣ ҳангоми табобати амбулаторӣ ҳуқуқ доранд, номбар шудаанд.

Дар ин рӯйхат шахсони гирифтори бемориҳои онкологӣ, сил, махав, эндокринологӣ, бемориҳои рӯҳӣ, шахсони гирифтори OPV, шахсони протези клапанҳои дил ва трансплантатсияи узвҳо, бемороне, ки гемодиализро ба нақша гирифтаанд, инчунин нафақахӯрони танҳо, ки ба нигоҳубини дигарон ниёз доранд, иштирокчиён ва собиқадорони Ҷанги дуюми ҷаҳон, инчунин шахсони ба онҳо баробаршуда, иштирокчиёни фронти ақибгоҳ, шахсони маъюб, аз ҷумла онҳое, ки дар бартарафсозии фалокати нерӯгоҳи атомии Чернобил иштирок кардаанд ва ҷанговарони байналмилал дохил карда шудаанд

Ба беморони ин тоифа тавассути дорухонаҳои ширкат дар асоси 396 121 дорухат ройгон ба маблағи 37 миллиарду 202 миллион сӯм доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ дода шуданд.

**– Тартиби ҷуброни доруҳое, ки дар доираи барномаи Реимбурсатсия пешниҳод шудаанд, чӣ тавр ба роҳ монда шудааст?**

– Имрӯз дар кишвари мо ба беҳтар кардани сифат ва самаранокии хидматрасонии тиббӣ, ки ба аҳолӣ пешниҳод мегардад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мешавад. Аз ҷумла, барои ҷорӣ намудани фарогирии тадриҷии суғуртаи тиббӣ дар ин бахш, фароҳам овардани муҳити рақобатпазири муосир дар бозори хидматрасонии тиббӣ ва дар ин замина васеъ кардани имкониятҳои аҳолӣ барои гирифтани ёрии тиббии кафолатнок ва доруҳои босифат корҳои назаррас анҷом дода мешаванд. Инро дар мисоли барномаи Реимбурсатсия (ҷубронпулӣ), ки соли 2021 татбиқи худро оғоз кард, ба таври равшан дидан мумкин аст. Ин система аввал дар вилояти Сирдарё санҷида шуда, сипас дар шаҳри Тошканд ба кор андохта шуд.

Тибқи Қарори Президент аз 5 сентябри соли 2024 «Дар бораи чораҳои ҷорӣ намудани механизмҳои суғуртаи тиббии давлатӣ», соли 2025 дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Навоӣ, Самарқанд, Бухоро, Хоразм, Қашқадарё ва то охири соли 2026 дар вилоятҳои Сурхондарё, Фарғона, Андиҷон, Намангон, Тошканд ва Ҷиззах барномаи ҷубронпулӣ ҷорӣ карда мешавад, ки тамоми минтақаҳои кишварро пурра фаро мегирад. Яъне арзиши доруворӣ аз ҷониби Фонди давлатии суғуртаи тиббӣ пардохт карда мешавад.

Дар асоси ин қарор, имрӯз дар 474 дорухона ва филиалҳои дорухонаҳои мутааллиқ ба ҷамъияти саҳҳомии «Дори-дармон» ва ширкатҳои системаи он барномаи реимбурсатсия амал мекунад. Аз ҷумла, шумо метавонед доруҳоро дар асоси дорухати электронӣ аз дорухонаҳо дар Қароқалпоқистон ва вилоятҳо ва шаҳри Тошканд харидорӣ кунед. Барномаи реимбурсатсия бемориҳои дил, гипертония, диабети навъи 2, астмаи бронх, бемории музмини обструктивии шушро дарбар мегирад ва беморон метавонанд 28 намуди доруро тавассути дорухонаҳо дар асоси дорухати электронии аз ҷониби духтури оилавӣ навишташуда гиранд.

Дар соли 2025, тавассути дорухатҳои электронӣ ба беморон ба маблағи 35 млрд. 950 млн. сӯм доруворӣ ройгон дода шуд.

**– Шумо таъсиси «Дорухонаҳои иҷтимоӣ» ва рақамикунонии соҳаро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Барои таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо доруҳои босифат, дастрас ва устувор дар соли 2025, ширкати мо дар бораи таъсиси «Дорухонаҳои иҷтимоӣ» дар асоси шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар муассисаҳои тиббии навъи поликлиника, ки таҳти сарпарастии шаҳри Тошканд, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва раёсатҳои тандурустии вилоятҳо қарор доранд, ба мувофиқа расид. Мо метавонем бигӯем, ки ин на танҳо барои ширкати мо, балки барои аҳолӣ низ хабари хуш аст, зеро аҳолии деҳот ба ин гуна дорухонаҳо ниёз доранд. Бояд қайд кард, ки ин ташаббуси муҳим дар таъсиси ҷойҳои нави кор, қонеъ кардани ниёзи аҳолӣ ба доруворӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои дурдаст ва таъмини ошкороӣ ва шаффофияти хидматрасонии фарматсевтикӣ нақши муҳим мебозад.

Ширкат тавассути дорухонаҳои иҷтимоии худ чораҳои зарурииро барои таъмини аҳолӣ бо доруҳои зарурӣ мунтазам меандешад, яъне ба дастрасии доруҳои аҳамияти иҷтимоӣ диққати махсус медиҳад.

Айни замон, «Рӯйхати дору ва асбобҳои тиббие, ки дар табобати бемориҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ истифода мешаванд» дар маҷмӯъ 134 маҳсулотро дар бар мегирад, аз ҷумла 128 доруворӣ ва 6 асбоби тиббӣ.

Рушди саноати дорусозӣ на танҳо аз нигоҳи иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати иҷтимоӣ низ аҳамияти калон дорад. Зеро қонеъ кардани талабот ба доруҳои босифат ба пешгирии бемориҳо ва баланд бардоштани самаранокии хидматрасонии тиббӣ мусоидат мекунад.

Ҷамъияти саҳҳомии «Дори-дармон» ҳамеша кӯшиш мекунад, ки ҳамқадам бо замон бошад. Корҳо барои кам кардани омили инсонӣ дар равандҳои фурӯш дар дорухонаҳо ва автоматикунонии система анҷом дода мешаванд. Дар дорухонаҳои ширкати мо барномаи «M-Apteka Plus» насб карда шудааст, ки ба шумо имкон медиҳад, интиқоли рамзҳои DM-ро, ки ба доруҳо истифода мешаванд, пайгирӣ ва кунед ва фурӯши доруҳоро бо нархи муқарраршуда назорат кунед.

Тибқи қарори Девони Вазирон аз 2 апрели соли 2022 «Дар бораи ҷорӣ намудани системаи тамғагузории ҳатмии рақамии доруворӣ ва дастгоҳҳои тиббӣ», тамғагузорӣ ва рақамикунонии доруворӣ ва дастгоҳҳои тиббӣ дар тӯли солҳои 2022-2025 марҳила ба марҳила амалӣ карда шуд. Имрӯз доруворӣ бо тамғагузории пурра фурӯхта мешавад. Рамзи махсуси DataMatrix дар ҳар як бастаи доруворӣ аз қалбакӣ кардан пешгирӣ мекунад ва имкон медиҳад, ки роҳи маҳсулотро аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда пайгирӣ кунед.

Мувофиқи Қарори Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии системаи тамғагузории ҳатмии рақамӣ», ширкатҳои дорусозӣ ва дорухонаҳо дар сурати ошкор шудани он, ки онҳо доруҳои бетамғаро мехаранд, интиқол медиҳанд, нигоҳ медоранд ё мефурӯшанд, аз иҷозатномаҳои худ маҳрум карда мешаванд.

**– Ширкат бо кадом истеҳсолкунандагони дорусозӣ ҳамкорӣ мекунад?**

– Ширкати мо тақрибан бо 100 истеҳсолкунандаи пешбари маҳаллӣ ва хориҷӣ ҳамкорӣ мекунад. Дар соли 2025 ширкат маҳсулоти дорусозиро аз истеҳсолкунандагон ва дистрибютерҳои маҳаллӣ ба маблағи 69 миллиард сӯм ва аз таъминкунандагони хориҷӣ ба маблағи 22,3 миллиард сӯм харидорӣ кардааст.

**– Ҳадаф ва нақшаҳои ширкат дар соли ҷорӣ кадомҳоянд?**

– Бар асоси вазифаҳои муайяншуда, ширкат барои соли 2026 ҳадафҳои бузургеро муқаррар кардааст: боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таъмини аҳолӣ бо доруҳои босифат, таъмини баъзе тоифаи аҳолӣ бо доруҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ бо имтиёз ва доруҳо дар доираи барномаи Реимбурсатсия, кушодани дорухонаҳо дар Қароқалпоқистон ва минтақаҳо дар асоси шарикии давлатӣ ва хусусӣ, пайваст кардани ҳамаи дорухонаҳо ва филиалҳои дорухона дар системаи ширкат ба барномаи Реимбурсатсия ва пешниҳоди хидматрасонии босифат ба аҳолӣ, саҳмгузорӣ дар беҳтар кардани фарҳанги тиббии аҳолӣ тавассути дастгирии ислоҳот ва амалиёте, ки ба таъмини тадриҷии доруҳои бодорухат ба аҳолӣ танҳо тавассути дорухати духтур дар асоси системаи «дорухати электронӣ» равона шудаанд.

Мусоҳиб
**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# АЗ НЕК – БОҒ

Ба қарибӣ, аъзоёни хоҷагии фермерии «Холиқов Маннон боғлари»-и ноҳия Самарқанд дусад метр ҷӯйи обёриро бо роҳи ҳашар кофта, тоза карданд. Барои деҳқону боғбонҳо мавсими кишту кори пурдолузарб фаро расид. Мо ҳам ҳамроҳи ҳашарчиён бо токкушоӣ машғулем. Зимистони соли равон нағз омад, барфу борон борид. Худованд замони тинҷу баракати оби равонро диҳад. Дар умеди рӯёнидани ҳосили хуб аз субҳи содиқ то шом каланд мезанем.

**Комил ҶӮРАЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ ТЕАТРИ БУХОРО

**_Дар таърихи инсоният асосан панҷ намуди санъат: адабиёт, театр, мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва меъморӣ дар давоми ҳазорсолаҳо падид омада рушд ёфта бошад ҳам, дар минтақаи мо театрҳо як аср қабл арзи вуҷуд кардаанд. Пайдоиши онҳо асосан баъди созмонёбии иттиҳоди ҷумҳуриҳои шӯравӣ сурат гирифтааст. Театри драмаи мусиқии вилояти Бухоро 104 сол муқаддам, яъне соли 1922 дар назди мактаб ва клубҳо созмон ёфтааст. Маҳфилҳои ҳаваскорони бадеӣ барои он чун пойгоҳ хидмат кардаанд. Аввалин ташкилотчӣ ва роҳбари бадеии театр Маннон Маҷидов буд._**



Дар таркиби театр Ҳ. Латифов, Л. Латифов, К. Раҳмонов, Л. Нарзуллоев барин артистони боистеъдод фаъолият доштанд. Дар он аҳд репертуари театр аз намоишномаҳои якпардагӣ ва барномаҳои консертӣ иборат буд.

Соли 1927 як гурӯҳ артистони театр Б. Ҷамолов, А. Алимова, М. Мусоев, А. Ҳасанов, Ҳ. Наримонов ва дигарон ба студияи театри назди Хонаи маорифи ӯзбеки Маскав барои таҳсил қабул гардиданд.

Театри Бухоро 7 ноябри соли 1930 бо намоишномаи «Исён»-и Д. Фурманов боз гардидааст. Дар таркиби ҷамоа он гоҳ А. Файзиев, Ғ. Сатторов, А. Қодиров, Ҳ. Наимов, Х. Юсуфов, А. Бурҳонов ва С. Қодиров кор мекарданд. Соли 1931 ба театр яке аз коргардонҳои пешқадами саҳна Етим Бобоҷонов ва мусаввир Ш. Шораҳимов ба кор омаданд. Комёбиҳои минбаъдаи театри вилоят бо номҳои коргардонон М. Мусоев, Б. Баҳодуров, М. Сатторов, Г. Мирский, С. Бондарчук вобаста аст. Дар ҳамин давра ба жанри драмаи мусиқӣ муроҷиат карда шуд. Ба театр сарояндагону навозандагон таклиф гардиданд. Ҳамин тариқ А. Хӯҷаева, А. Охунов, С. Ярашев, Х. Исроилов, З. Солиева, Н. Неъматова ва вокалистон омаданд. Дар театр намоишномаҳои мусиқии «Фарҳод ва Ширин», «Ғунчаҳо», «Гулсара» ва ғайра рӯйи саҳнаро диданд. Соли 1936 ҷамоа номи театри драмаи мусиқиро гирифт. Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ҷамоаи театр намоишномаҳое офарид, ки дар онҳо мубоизаи халқи Ӯзбекистон дар фронт ва ақибгоҳ акс ёфтааст. Байни онҳо асарҳои Қурбон Умаров «Давронота», «Зинаҳои марг» ва барномаҳои консертӣ вуҷуд дошт.

Дертар ҷамоаи театр диққату эътибори худро ба офаридани драмаю спектаклҳои мусиқавие, ки дар онҳо масъалаҳои муҳими рӯзгори мардум ифода ёфтаанд, ҷалб кард.

Соли 1952 аввалин коргардони касбӣ – Равил Ботиров факултети коргардонии Институти санъати Тошкандро хатм карда, дар театр фаъолияти худро оғоз кард. Он солҳо дар саҳна гузошта шудани намоишнома аз ҳаёти халқи ҷопон – «Тӯфон», аз рӯзгори халқи рус – «Раъду барқ», драмаи мусиқии «Орзугул», аз ҳаёти мардуми қароқалпоқ – «Ба оне, ки таваҷҷуҳ надорад, қаробат маҷӯ» ва ғайра дар ҳаёти мадании вилоят воқеаи муҳим гардид.

Соли 1958 Равил Ботировро ба пойтахт ба кор даъват карданд. Актёри театр Аминҷон Акобиров саркоргардони театр таъин гардид. Вай то соли 1972 дар ин вазифа кор кард. Ӯ ба намоишномаҳои мусиқавӣ аз қабили «Тоҳир ва Зӯҳро», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ошиқ Ғариб ва Шоҳсанам», «Дилором», «Мирзо Иззат дар Ҳиндустон», «Тӯй» бештар рӯ овард.

Соли 1972 ҳунарманди бухороӣ Убайдулло Бақоев саркоргардони театри Бухоро таъин гардид. Ба вай лозим омад, ки то соли 1995 (29 сол) дар ин вазифа фаъолият нишон диҳад.

Тайи солҳои зиёд дар театри Бухоро таҳти сарварии ӯ намоишномаҳои «Наргис», «Ревизор», «Ибни Сино», «Аршин мол-олон», «Абулфайзхон», «Фоҷеаи шабона», »Мукофот», «Одамони серғайрат» таҳия гардид.

Соли 1995 Убайдулло Бақоев ба соҳаи синамо гузашт ва вазифаашро ба коргардон Анвар Азимов супурд. А. Азимов солҳои 1995-1999 чун саркоргардони театр намоишномаҳои «Соҳибқирон Амир Темур», «Зани оҳанин», «Имон», «Фариштаҳои девона», «Салтанати занон» ва ғайраро ба саҳна гузошт.

Дар чоряки аввали соли 2020 аз ҷониби саркоргардон Ғ. Мардонов мазҳакаи «Адвокатӣ осон аст?»-и А. Авлонӣ рӯйи саҳнаро дид ва аз тақдимоти дохилӣ гузошт. Ҳамон сол аз ҷониби коргардони шинохта С. Мелиев драмаи мусиқии «Сегоҳ» (дар асоси асари «Қиссаи Шайх Санъон»-и адиби озар Ҳ. Ҷовид) низ муаррифӣ гардид.

Соли 2021 намоишномаи «Бачаи шум»-и Ғ. Ғулом (коргардони гурҷӣ К. Гогидзе), дар асоси афсонаи бародарон Гримм намоишномаи «Соҳибҷамол ва махлуқ» (коргардон Л. Наврӯзов), «Аҳмақ» (дар асоси асари Ч. Айтматов) «Рӯзе, ки ба аср баробар аст», «Қиёмат қарз»-и Ӯ. Умарбеков (коргардон Бурон Акобиров), асари саркоргардони театр Лазиз Наврӯзов «Саёҳат ба Бухоро» ба саҳна гузошта шуд.

Театри драмаи мусиқии Бухоро дар давоми таърихи худ барои як зумра санъаткорони шинохташуда ҳамчун мактаби рушди маҳорат хидмат кардааст.

Лутфулло Нарзуллоев, Ҳикмат Латифов, Шариф Қаюмов, Саъдихон Табибуллоев, Олим Хӯҷаев, Раззоқ Ҳамроев, Мухтор Ашрафӣ, Саттор Ярашев, Бахтиёр Ихтиёров ва дигарон ба фаъолияти худ дар ҳамин театр ибтидо гузоштаанд.

Чанд соли охир сафари ҳунарии Театри лӯхтаки Бухоро ба Тоҷикистон бо рӯҳбаландӣ гузашт.

8 январи соли ҷорӣ ҷамоаи Театри давлатии драмаи Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ ба Бухоро ташриф оварда, дар Театри драмаи мусиқии Бухоро асари Султон Усмонзода «Шамсу Мавлоно»-ро намоиш дод.

Ҳоло ба театр ҷалб кардани тамошобин масъалаи рӯз аст.

– Аз сабаби он, ки ба пойтахт меҳмонони зиёд меоянд, шояд ин масъала он ҷо чандон мураккаб набошад, вале дар вилоятҳо боиси ташвиш аст, – мегӯяд мудири шуъбаи адабии театр, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Моҳигул Назарова. – Аз ҳисоби донишҷӯён пур кардани толори театр навигарӣ нест. Мо – маъмурияти театр соли гузашта бо мақсади ислоҳ намудани ин мушкилӣ бо шуъбаҳои вилоятии «Маҳалла» ва «Нуронӣ» шартнома таҳия кардем. Бинобар ин шартнома онҳо рӯзҳои муайян тамошобин меоранд, мо мувофиқи табъи онҳо намоишнома омода месозем, – илова кард вай. – 22 декабри соли 2023 Президенти мамлакат Ш. Мирзиёев дар ҷамъомади Шӯрои маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ба масъалаи рушди театр ва музейҳо низ дахолат карда буд. Бо назардошти ин, дар идораю муассисаҳои давлатӣ «Рӯзи театр» падид омад. Аз ҷумла, дар вилояти Бухоро низ таҳти роҳбарии ҳокими вилоят Б. Зарифов роҳбарони секторҳо, ташкилоту муассисаҳо, мутасаддиёни кор ба театри вилоятӣ омада моҳи декабр фоҷиаи В. Шекспир «Ричарди III» (коргардон Артисти шоистаи ҷумҳурӣ В. Умаров) ва моҳи январ драмаи «Фитрат» (асари З. Неъмат, коргардон Л. Наврӯзов)-ро якҷоя бо сайёҳони хориҷӣ тамошо карданд...

– Имрӯз кадом масъала боиси ташвиши шумо гаштааст? – пурсидам аз директори театр, Артисти хидматнишондодаи Ӯзбекистон Йӯлдош Генҷаев.

– Таъмири роҳу пиёдароҳҳо садди роҳи тамошобинон гашта, рафтуоро ба театр мушкил гардондааст. Чи хеле ки мебинед, театр дар маҷмааи «Бухорои кӯҳна ва боқӣ» воқеъ гардидааст. Байни маҳаллаҳои аҳолинишин ва театр масофа назаррас аст. Театри кӯҳна, ки дар маркази шаҳри кӯҳна воқеъ гаштааст, табъи дили сокинони шаҳр ва меҳмонони буд. Ҳоло ҷараёни таъмири он идома дорад. Агар баъди таъмир ба бозгашт ба он рухсат медоданд, мушкиламон осон мешуд.

– Чӣ нақшаҳо доред?

– Имсол сафари ҳунариамон ба Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Ба он тайёрӣ мебинем.

Бояд таъкид намуд, ки Йӯлдош Ҳакимович тақрибан якуним сол муқаддам роҳбари театри лӯхтаки вилоят буд ва бо ҷамоааш ба Тоҷикистон сафар карда, аз меҳмондӯстиҳои онҳо хеле шод гашта, дар навбати худ ба эшон дар Бухоро мизбонӣ намудааст. Ӯ бо ифтихор дар суҳбат бо камина ин гуфтаҳои Рӯдакиро ба забон овард:

*Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯи дӯстон.*
*Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар,*
*Аз фироқи дӯстони пурҳунар.*

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**




*Бо ташаббуси Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ва Вазорати технологияҳои рақамии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷониби Нависандаи халқии Ӯзбекистон Муҳаммад Алӣ асари нави таърихӣ таҳти унвони «Темурбек» офарида шуд.*

*Ин асар ба бозтоби давраҳои кӯдакӣ ва наврасии Соҳибқирон Амир Темур бахшида шуда, бар асоси таҳқиқот ва ҷустуҷӯҳои чандинсолаи илмӣ ва эҷодии муаллиф омода гардидааст.*

***Суратгир:***
***А. АЛИҶОНОВ (ЎзА).***

*Маслиҳати услубӣ*

# ҲАМГИРОИИ ТАЪЛИМ: РАВИШ, МОДЕЛ ВА НАТИҶАҲО

**_Барои барқарор намудани робитаҳои байнифаннӣ маводи таълимӣ аз нигоҳи мундариҷа ва ҷанбаъҳои мантиқӣ-психологӣ, педагогӣ, дидактикӣ, методологӣ ва дигар паҳлуҳо таҳлил карда мешавад. Пайдарпайии мавод метавонад ба ин омилҳо вобаста бошад, аммо он нисбатан мустақил буда, ба такмили мазмун ва усулҳои таълим таъсири ҷиддӣ мерасонад. Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии дарсҳои ҳамгирошуда, муоширати байнифаннӣ мебошад. Муоширати байнифаннӣ, ки аз ҷониби омӯзгори соҳибтаҷриба дар раванди дарс ба роҳ монда мешавад, на танҳо шавқу рағбати донишомӯзонро меафзояд, балки ба азхудкунии мавод низ мусоидат мекунад._**

Бар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалӣ, се модели асосии омӯзиши ҳамгирошударо метавон муайян кард. Модели аввал ба он асос меёбад, ки дар давоми як рӯз якчанд дарс баргузор гардида, ҳангоми ҳалли масъалаҳои мураккабу муштарак робитаҳои байни фанҳо муҳим мебошанд. Ин раванд ҳамкории муаллимонро дар марҳилаи омодасозии дарс тақозо мекунад.

Модели дуюм бо он фарқ мекунад, ки назария ва амалия дар як рӯз ҳамзамон таълим дода мешаванд. Ин шакл асосан дар ҳамгироии омӯзиши технологӣ ва истеҳсолӣ татбиқ мегардад ва ҳамчун таълими дуалӣ низ маъруф аст.

Модели сеюм – модели тамаркуз дар он ифода меёбад, ки дар давоми як рӯзи дарсӣ аз як то се фан омӯзонида мешаванд. Ин тавассути гузаронидани чанд дарс дар доираи як мавзӯи умумӣ амалӣ мегардад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ фарогири фанҳои ҳамгирошуда мебошанд, ки ба ташаккули дониш дар бораи табиат ва ҷомеа равона шудаанд. Хусусан фанҳои дорои аҳамияти экологӣ ҳамчун воситаи муҳими тарбияи муносибати масъулиятнок ба муҳити зист дар донишомӯзон хизмат мекунанд.

Яке аз роҳҳои соддаи татбиқи ҳамгироӣ муттаҳид намудани якчанд фан ба як фан мебошад. Ин масъала дар таҳқиқоти байналмилалии педагогӣ, ки соли 1988 гузаронида шудаанд, мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст. Дар бисёр кишварҳо, равиши ҳамгироӣ хусусияти фарқкунандаи таҳсилоти ибтидоӣ ба шумор меравад. Ҳадафи асосии он наздик намудани кӯдакон ба дарки ҳамаҷонибаи олами наботот мебошад.

Дар чунин раванд, кӯдакон на танҳо тавассути муошират, балки бо истифода аз санъат, мусиқӣ ва фаъолияти эҷодӣ бо табиат, ҷомеа ва илм шинос мешаванд. Эҳсосоти кӯдак бояд бо рушди ҷисмонӣ ва фаъолияти ҳаракатии ӯ ҳамоҳанг бошад. Муҳимтарин шарти муваффақияти дарс фароҳам овардани муҳити мусоид дар синфхона мебошад. Масалан, истифодаи қолин, ҷойгузинии дурусти мизу курсӣ ва фароҳам овардани фазои озод ба фаъолияти эҷодии кӯдакон мусоидат мекунад. Дар чунин шароит, хонандагон худ муҳити омӯзиширо ташаккул медиҳанд. Барои ин аз захираҳои гуногуни бадеӣ, техникӣ, нашрияҳои иттилоотӣ, энсиклопедия ва харитаҳо истифода бурдан мумкин аст.

Дар шароити муосир, дар раванди ҳамгироии мундариҷаи фанҳои таълимӣ модел ва параметрҳои гуногуни педагогӣ истифода мешаванд, ки бевосита ба талаботи замон мутобиқанд. Масалан, стандартҳои таҳсилоти ибтидоӣ чор самти асосиро дар бар мегиранд: «Забони модарӣ», «Математика», «Табиат» ва «Инсон ва ҷомеа», ки дар маҷмӯъ даҳ фанро фаро мегиранд.

Дар муқоиса, низоми таҳсилоти ибтидоии Сингапур танҳо аз чор фан иборат аст: «Забони модарӣ», «Математика», «Эстетика» ва «Тарбияи ҷисмонӣ». Дар бисёр кишварҳо зиёда аз 70 фоизи низомҳои таълимӣ аз китобҳои дарсии ҳамгирошуда истифода мебаранд. Масалан, дар Британияи Кабир фанҳои ҳамгирошуда бартарӣ доранд, дар ҳоле ки дар Кореяи Ҷанубӣ ва Швейтсария шакли омехта истифода мешавад ва дар Австралия фанҳои алоҳида ҳифз шудаанд. Бояд гуфт, ки раванди таълимии мо қадамҳои аввалинро дар ин самт мегузорад.

Ҳамгироӣ бар асоси пайдарпайии мантиқии маводи таълимӣ амалӣ мегардад, ки дар он маводи нав маводи қаблиро такмил медиҳад, вале онро такрор намекунад. Дар натиҷа, дониш, малака ва қобилиятҳои хонандагон, инчунин фаъолияти эҷодии онҳо пайваста рушд меёбанд.

Масалан, дар синфи якум дар китобҳои дарсии «Хониш», «Забони модарӣ» ва «Муқаддима ба муҳити зист» матнҳои марбут ба фасли зимистон пешниҳод мешаванд, аммо мундариҷа ва сатҳи иттилооти онҳо қариб яксон аст. Ба ҷои такрори чунин мавод, пешниҳоди як матни мукаммали адабӣ, ки тамоми хусусиятҳои зимистонро фаро мегирад, мувофиқтар мебошад.

Афзалияти чунин равиш дар сарфаи вақт ва қувваи хонандагон, кам гардидани ҳаҷми китобҳои дарсӣ ва беҳтар шудани самаранокии таълим ифода меёбад. Масалан, ҳамгироии фанҳои «Одоб ва огоҳии экологӣ» бо «Хониш ва забони модарӣ» танҳо дар синфи якум имкон медиҳад, ки то 63 соат вақт сарфа гардад.

Дар натиҷа, пойгоҳи дониши хонандагон васеъ гардида, барои истифодаи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ дар ташкили раванди таълими ҳамгирошуда имкониятҳо фароҳам меоянд.

**Зарифа КАБИРОВА,**
**муаллими кафедраи педагогикаи умумии ДДОЧ.**

# ОБИДАҲОИ ТАЪРИХӢ – БАЁНГАРИ ФАРҲАНГИ БОСТОНӢ

**_Таърихи маданияти ҳар халқу кишвар, пеш аз ҳама, бо ёдгориву обидаҳои таърихӣ, мероси пурғановати ғайримоддии илмию фарҳангӣ, арзишҳои миллию мадании ҳамон сарзамину халқи он муайян карда мешавад. Вилояти Сурхондарё низ дорои таърихи куҳан ва илму маданияти волост. Гузаштагони ин диёр ба ворисони хеш мероси ғанӣ, бебаҳо ва пурарзиш боқӣ гузоштаанд._**

Ҳудуди имрӯзаи вилоят дар гузашта маркази Бохтарзамин буд, ёдгориҳои таърихии Далварзинтеппа, Кампиртеппа, Фаёзтеппаи аҳди Кушониён баёнгари рӯзгори мозӣ, тасбити таърихи маданияти куҳани ин диёр ба шумор мераванд. Бо вуҷуди он ки омӯзишу тадқиқоти ёдгориву обидаҳои таърихии ин минтақа таваҷҷуҳи бостоншиносони даврони Иттиҳоди Шуравӣ ва қабл аз онро ҷалб карда, таҳқиқи онҳо хеле барвақт шурӯъ шудааст, баъд аз истиқлол бобати худшиносӣ, қадршиносӣ ва ҳифзи мероси илмиву маданӣ, арзишҳои миллӣ қадамҳои устувор гузошта шуданд. Алалхусус, соли 2000 бо қарори ЮНЕСКО васеъ ва бошукӯҳ таҷлил гардидани ҷашни 2500-солагии Тирмизи бостонӣ на танҳо қиёфаи шаҳрро дигаргун кард, балки дар натиҷаи кофтуков ва дарёфти манбаъҳои нави илмӣ, баргузории силсилаанҷуманҳои байналмилалии илмию маданӣ саҳифаҳои нави таърихи ин диёр бештар таҳқиқ ва омӯхта шуданд. Маҳз дар ҳамин ҷашн таърихи маданияти воҳаи Сурхон ва шаҳри Тирмиз аз ҷониби олимону мутахассисони ватаниву хориҷӣ эътироф гардид ва Тирмиз «Гавҳари ҷануб» унвон гирифт.



Ба муносибати ин ҷашн маҷмӯаҳои Ҳаким ат-Тирмизӣ, Султон Содот, обидаҳои таърихии Қирқ қиз, Кокулдорота (ноҳияи Тирмиз), мақбараи Имом Муҳаммад Исо Тирмизӣ (Шерobod), ёдгориҳои таърихии Кампиртепа (Музработ), Далварзинтепа (Шӯрчӣ) ва ғайра мукаммал тармим гардида, ҳудуди ин ёдгориву обидаҳо обод карда шуд, дар маркази шаҳри Тирмиз осорхонаи бостоншиносӣ низ бунёд гардид.

Инак, ба қарибӣ боз хушхабаре паҳн шуд. Дар ноҳияи Бандихони вилоят дар натиҷаи корҳои ҳафриётии бостоншиносони Ӯзбекистону Чин боқимонда ва нишонаҳои шаҳри куҳане, ки тахминан таърихи сеҳазорсола дорад, кашф гардид. Мувофиқи маълумоти олимони бостоншинос он дар асри X пеш аз милод бунёд ёфта, то асри VIII милодӣ аҳолинишин будааст. Алъон ин кашфиёт интизори омӯзиш ва тадқиқу таҳқиқ буда, баъдан ба дарёфти таърихи маданияти бостони ин сарзамин мусоидат хоҳад кард.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

***Дар сурат:*** *дар зиёратгоҳи Абӯисо Тирмизӣ, ки дар ноҳияи Шербободи вилояти Сурхондарё ҷойгир аст.*

**Суратгир:**
**Ф. АБДУРАСУЛОВ (ЎзА).**

**_Аз ҷониби кормандони Хадамоти ҳифзи назди Саридораи корҳои дохилии вилояти Сурхондарё барои таҳкими донишҳои назариявӣ ва амалии посбонони мактабҳои таҳсилоти умумӣ машғулиятҳои таълимию амалӣ баргузор мегарданд._**

# АМНИЯТИ МАКТАБҲО – ДАР МАРКАЗИ ДИҚҚАТ

Имрӯзҳо таъмини амният дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро мактаб даргоҳи муқаддасест, ки дар он созандагони фардо тарбия меёбанд. Таъмини оромӣ ва осудагии муассисаҳои таълимӣ, масъулияти бузургест, ки бар дӯши посбонон вогузор шудааст.

Посбонон на танҳо муассисаро муҳофизат мекунанд, балки дар пешгирии ҳар гуна ҳолатҳои фавқулода низ ҳамчун ҳалқаи аввал нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ ва таҳкими малакаҳои амалияи онҳо аз талаботи муҳими рӯз маҳсуб мешавад.

Бо назардошти ин, аз ҷониби Хадамоти ҳифз дар ҳамкорӣ бо кормандони Раёсати ҳолатҳои фавқулода барои кормандони воҳиди посбонии идоравӣ машғулиятҳои 15-рӯзаи таълимию амалӣ ташкил карда шудаанд.

Аз ҷумла, дар чорабинӣ дар ноҳияи Деҳнав мутахассисон ба посбононе, ки дар мактабҳо фаъолият доранд, доир ба вазифа ва ӯҳдадориҳои хидматӣ, пешгирии ҳар гуна ҳолатҳои номатлуб дар ҷараёни соли таҳсил, истифодаи воситаҳои аввалияи оташнишонӣ, корбурди воситаҳои махсус, расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ва тарзи ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таври амалӣ ва намоишӣ маълумот доданд. Ҳамчунин, ба иштирокчиён оид ба фароҳам овардани муҳити бехатар дар мактабҳо, роҳ надодан ба воридшавии шахсони бегона ба ҳудуди муассиса, нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ва дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулода фавран тавассути «тугмаи изтироб» ба мақомоти корҳои дохилии ноҳия ё шаҳр хабар додан тавсияҳо дода шуд.

Дар рафти вохӯрӣ иштирокдорон ҳамчунин оид ба тартиби истифодаи сигнализатсияи муҳофизатӣ ва дигар воситаҳои техникӣ маълумоти зарурӣ гирифтанд. Дар ҷараёни чорабинӣ мутахассисон ба саволҳои иштирокчиён ҷавобҳои муфассал доданд.

Дар анҷоми машғулот ба шунавандагон барои бомуваффақият хатм намудани барномаи таълимию амалӣ сертификатҳо супурда шуд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Голибони озмун

# АЗИЗАИ АЗИЗИ МО

**_Азиза дар деҳаи Чуқуни ҷамоати Боғучорбоғи ноҳияи Деҳқонобод дар оилаи омӯзгор ба дунё омад. Хурсандии кадбонуи оила – Хайринисо ва падар – Абдуҷалол ҳадду каноре набуд. Воқеан ҳам, Азиза дар оилае ба дунё омад, ки аҳли он хушбахту фарҳангдӯст буданд._**



Мисли бародару хоҳаронаш дар ниҳоди Азиза низ аз хурдӣ завқу хоҳиш нисбат ба хонишу донишомӯзӣ баланд буд. Хосатан, ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ бародаронаш – Далеру Сӯҳробро ба танг меовард, то ки дафтару китобу қаламаш диҳанд.

Азиза, новобаста аз он ки дар деҳа тарбияи кӯдакистонро нагирифта буд, (мутаассифона, дар он солҳо дар деҳа кӯдакистон вуҷуд надошт) то синни мактабӣ хондану навиштанро аз бародарони хушзеҳн ва падари омӯзгораш омӯхт. Ба Азизаи зираку ҳозирҷавоб бештар барномаҳои бадеиву фароғатии телевизиони Тоҷикистон, ки тавассути моҳвора медид, писанд меомад, ба шеърхонии ровиён тақлид мекард ва бо ду-се шунидан байте ё шеъреро ёд мекард.

Дар мактаби миёнаи рақами 46 Азизаро устоди соҳибтаҷриба Ҷумъақул Маҳмаёров истиқбол намуд. Маҳмаёров аз рӯзҳои аввали таҳсил дар фитрати ин навниҳол як лаёқату зеҳни фавқулоддаеро ҳис намуд, нисбати ҳамсолонаш ҳозирҷавоб буд.

Бояд қайд кард, ки таъсири фаъолияти педагогии падар дар ташаккули қобилияти фитрии Азиза басо муҳим буд, зеро устод Абдуҷалолро тавассути маҳорати педогогиаш на танҳо дар вилоят, балки дар саросари ҷумҳурӣ мешинохтанд ва эътироф мекарданд. Шояд, меҳр ба адабиёту шеърият дар қалби Азиза аз ҳамин ҷо маншаъ гирифтааст.

Шеърҳои падарро дар рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ хонда, дар қалби кӯчаки ӯ нисбат ба каломи бадеъ муҳаббате пайдо шуд. Ин буд, ки якчанд шеъраки тоҷикии ӯ дар китоби «Деҳқонобод гунчалар», ки соли 2022 ба табъ расид, ҷой дода шуд.

Қаҳрамони мо дар чунин шароит ба воя расид.

Баъди синфи ибтидоӣ ба ӯ аз фанни забон ва адабиёт Ҳаққул Шаъбонов низ дарс гуфта, дар камолёбии ин истеъдод ҳиссаи худро гузошт.

Азизаро дар синфи 9 устоди нисбатан сахтгир ва серталаб, падари худи ӯ – Абдуҷалол Қурбонов аз санҷиш гузаронид. Гузаштан аз имтиҳони падар Азизаро ба душвориҳо рӯбарӯ карда бошад ҳам, ӯ дар бахши ноҳиявӣ ва вилоятии олимпиадаи асосӣ ҷойи аввалро гирифт. Ин ҳама самари заҳматҳои устоду шогирд буд, ин бурдбориҳо бар ивази шабҳои бехобӣ, заҳмат ва эҳтимоми тарафайн ба даст омада буд, ҳар як саҳифаи китоби дарсӣ «аз риштаву сӯзан гузаронида мешуд».

Тавре ки Саъдии бузург фармудааст:

*Ба ҳар коре,ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад.*

Оре, дар ин сабқат, ки ба таъбире «ғалберро аз об бардоштан» лозим буд, заҳмати устодон ва талоши Азизаи илмдӯст натиҷаи дилхоҳ дод.

Азиза ин дафъа низ тавонист дар байни донишомӯзони 9 вилоят ҷойи аввалро ишғол намояд.

Бо баромадани натиҷаи тест, дар чашмони Азиза ашки шодӣ ҳалқа мезад, ба он натиҷае, ки муваффақ гардид, бовараш намеомад, беҳтарин донишомӯз аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дар миқёси ҷумҳурӣ – ин заҳмату машаққат ва изтиробу ҳаяҷон фақат ба худи ӯ аён аст.

Ҳини суҳбат Азиза чунин иброз дошт:

– Дар гарданам овезон шудани медали тилло маро чунон ба ваҷд овард, ки ҳарф задан бароям мушкил. Ҳаминро гуфтанӣ ҳастам, ки сипосгузорам, аз давлатамон, ки ба мо – ҷавонон чунин имкониятҳоро фароҳам овардааст. Дар муваффақ гардидани ман маъмурияти мактаби рақами 46 ва ҷомеаи омӯзгорон низ саҳми босазо доранд. Ва ҳатман, сипоси бепоён ба падари азизам, устодам, ки барои аз шоҳсуфа ҷой гирифтани ман хизмати эшон беназир аст.

Ин комёбӣ ибтидои чандин бурдбориҳост, ки қаҳрамони мо дар давоми солҳои донишҷӯӣ ва баъд аз он ба даст хоҳад овард.

**Ҳомидҷон ХОЛМӮЪМИНОВ,**
**омӯзгори тоифаи олии мактаби рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё.**

**Дар сурат: Азиза** бо устодаш **Абдуҷалол Қурбонов**.

# АМИРБЕК – ҒОЛИБИ 2 МИЛЛИОН ДОЛЛАР ГРАНТ

**_Ба туфайли ислоҳоти соҳаи таълим дохилшавии ҷавонони мамлакати мо ба донишгоҳҳои бонуфузтарини олам беш аз пеш меафзояд._**

Амирбек Бахшуллоев аз ҷумлаи ҷавонони хушбахтест, ки синфи XI-ро хатм накарда, аллакай ғолиби гранти 5 донишгоҳи беҳтарин гаштааст. Ин ҷавони 16-сола, ки дар шаҳри Бухоро, дар оилаи зардӯз таваллуд ёфта, байни ҳунармандон ба воя расидааст ва ҳоло дар таълимгоҳи таҳсилоти умумии ҳудуд таълиму тарбия мегирад, ният дорад, ки баъди хатми мактаби миёна таҳсилро дар Донишгоҳи Стэнфорди ИМА идома дода, муҳандиси соҳаи технологияи ядровӣ шавад.

– Азбаски дар муҳити мулоқот бо сайёҳони хориҷӣ ба воя расидаам, дар хориҷи мамлакат гирифтани маълумоти олиро орзу доштам. Имкониятҳои имрӯз дар мамлакатамон барои ҷавонон фароҳамовардашуда боиси комёбиам гардид. Аз озмоиши IELTS 8,5 хол, санҷишҳои SAT 1520 хол ба даст даровардa, ба орзуям расидам. Ният дорам, ки баъди соҳибихтисос шудан, ба зодгоҳ баргашта, баҳри равнақи халқу Ватан хидмат намоям, – мегӯяд Амирбек.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**



*Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд маросими тантанавии ифтитоҳи намоиши шахсии Арбоби шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Қирғизистон, барандаи ордени «Данк» Талъат Мирраҳимов баргузор гардид.*

*Дар ин экспозитсия 123 асари рассом дар жанрҳои рангтасвир ва графика, ки роҳи тӯлонии эҷодии муаллифро инъикос мекунанд, пешниҳод гардида, ба бузургтарин намоиши рассом дар Ӯзбекистон табдил ёфт.*

*Дар чараёни намоиш байни иттиҳодияҳои рассомони ду кишвар Меморандуми ҳамкорӣ барои солҳои 2026-2031 ба имзо расид.*

*Фазои тантанавӣ бо барномаи консертӣ бо иштироки гурӯҳҳои ӯзбек, қирғиз ва уйғур боз ҳам ғанитар гардид.*

*Намоиш то 17 апрели соли ҷорӣ идома меёбад.*

***Суратгир: Н. ҲАЙДАРОВ (ЎзА).***

# СОХТМОНИ МАКТАБИ НАВ ДАР ДУОБА

**_Дар ҳудуди мактаби рақами 15-уми деҳаи Дуобаи ноҳияи Узун бинои нави дуошёна барои 240 нафар хонанда сохта шуда истодааст. Аҳли деҳа, маъмурияти мактаб дер боз ин рӯзро интизор буданд, зеро сафи хонандагон сол то сол зиёд шуда, боиси норасоии синфхонаҳо мешуданд, (онҳо хеле кӯҳна шудаанд) ҷараёни дарсҳо дар айни замон дар ду баст давом мекунад ва барои мактабиён мушкилоти зиёде эҷод намудааст._**

Ниҳоят, талабу дархости мунтазами сокинони маҳалла ба инобат гирифта шуд ва дар аввали соли ҷорӣ бунёди бинои нави мактаб оғоз шуд. Орзуву омоли падару модарон, ҷавонон, хонандагони мактаб ва устодон ниҳоят иҷобат шуда, инак, хурсандиашон ҳадду канор надорад.

Баъде, ки ҷавони серғайрату шуҷоъ Садриддин Мирзоев дар мактаб сарвар таъин шуд, аз харобии мактаб чашм пӯшида натавонист ва чандин бор ба идораҳои мутасаддӣ ва масъулони он муроҷиат намуда, талош варзид, ки сохтмони бинои нави мактабро ба нақшаи давлатӣ дароварад.

Сохтмон аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бойсунтрансқурилишлоиҳа» бунёд ёфта, ба он 2 миллиарду 952 миллион сӯм маблағ ҷудо карда шудааст. Сохтмончиён шабу рӯз бо кор банд буда, тасмим гирифтаанд, ки то соли хониши нави 2026-2027 бинои навро пурра сохта, ба истифода супоранд.

Мактаб таърихи куҳан дорад, вале мо ҳоло дар ин маврид хостем ду сухан дар бораи хидматҳои омӯзгорон, таълими имрӯзаи онҳо сухан ронем. Боварӣ дорем, ки хонандагоне, ки имрӯз дар ин мактаб таълиму тарбия мегиранд, барои рушди давлатамон ҳиссаи арзандаи худро гузошта, барои ободии мамлакат ҳаракат мекунанд ва давомдиҳандаи кори мо мешаванд.

Дар мактаби рақами 15 бисёр устодони пуртаҷрибаи куҳансолу ҷавон ҳоло ба фарзандони мо таълиму тарбия медиҳанд. Ба ин хел омӯзгорону устодон мо – падару модарон ташаккур мегӯем. Директори мактаб Садриддин Мирзоев ва боз чандин муаллимони дигар доимо бо падару модарон суҳбат, ҷамъомадҳо мегузаронанд, то ки дар оянда фарзандони мо соҳиби касбу кори гуногун шаванд. Шоир барҳақ фармудааст:

*Бе мураббӣ зери гардун*
*муътабар натвон шудан,*
*Моҳи навро рафта-рафта*
*чарх оламгир кард.*

Дар ин мактаб муаллимони пуртаҷриба – ба монанди Абдуҷалил Каримов, Абдувоҳид Рӯзиқулов, Шомурод Шодиев, Бахтиёр Муродов, Ҳамдамқул Бобоев, Равшан Хидиров, Баҳриддин Холов, Беҳзод Қурбонов, Диловар Муродов, Сабоҳат Шарипова, Насима ва Ҷамила Бобоеваҳо, Гулчеҳра Муродова, Интизор Тағоймуродова, Истамгул Олимова, Мавзуна Рӯзиқулова, Азиза Ҷамшедова, Марҷона ва Мижгона Султоноваҳо таълиму тарбия медиҳанд.

Соли гузашта чанд нафар хонандагон ба мактабҳои олӣ дохил шуданд, ки ин фахри мактаб, деҳа ва ҳамин устодон мебошад.

Мо – пирони маҳалла, падару модарон даст ба дуо бардошта, дуоҳои нек мекунем.

**Маҳкамтош НАБИЕВА,**
**сокини маҳаллаи «Дуоба»-и ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.**

Ёдкард

# АЗ ДИДА РАФТ, ДАР ДИЛ БИМОНД

Умри инсон мисли оби рӯд гузарон аст. Хоҳ нек бошаду хоҳ бад, чу вақту соаташ расид, ин дунёро падруд мегӯяд. Баъди даргузаштан инсонро бо амалҳояш ёд мекунанд. Агар амалҳои нек дошт, покдилу самимӣ буд, ангушти ҳасрат мегазанд. Тавре Шайх Абӯсаиди Абулхайр мегӯяд:

*Ин умр ба абри навбаҳорон*
*монад,*
*В-ин ашк ба сели обшорон*
*монад.*
*Зинҳор чунон бизӣ,*
*ки баъд аз мурдан*
*Ангуштгазиданӣ ба ёрон*
*монад.*



Ҳофизи номдори воҳаи Сурхон, шахси нексиришту некном Саъдулло Беков инсоне буд, ки марги нобаҳангом дар 68-умин солгарди умр дӯстону наздикон ва ихлосмандони ҳунари волои ӯро дилхун кард.

Вай 10 августи соли 1958 дар деҳаи Янгитурмуши ноҳияи Сариосиё дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Падараш бобои Муҳибулло, ки дар қайди ҳаёт ҳастанду наздики 100 сол умр доранд, дилбохтаи санъат, дар ҷавонӣ дутор менавохтаанд ва баъзан суруд низ мехондаанд. Саъдулло низ солҳои таҳсил дар мактаби рақами 29-ум ба фанҳои забону адабиёти тоҷик ва мусиқӣ дил баста, дар маҳфилҳои адабию мусиқии мактаб фаъолона иштирок мекард. Омӯзгори фанни таърих Нурулло Саидов, ки қобилияти баланди навозандагию овозхонӣ дошту он солҳо дастаи ҳаваскорони санъати мактабро сарварӣ мекард, истеъдоди нодири Саъдуллоро пай бурда, ӯро ба шогирдӣ қабул кард, асрори навохтани рубоб ва овозхониро омӯзонид.

Саъдулло баъди хатми мактаб ба омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе дохил шуда, чанд муддат таҳсил кард, вале бинобар сабабҳои оилавӣ таҳсилро ба поён нарасонида ба деҳа баргашт ва дар хонаи маданияти хоҷагии ҷамоавии ба номи Охунбобоев ба кор даромада, дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангии хоҷагиву ноҳия ширкат ҷуст. Нимаи дуюми солҳои ҳафтоду ҳаштодуми асри гузашта чун овозхон шуҳрат пайдо кард. Он замон шунавандагони суруду навоҳои асили классикӣ зиёд буданд, дар тӯю маъракаҳо низ бештар чунин сурудҳо садо медоданд.

Ӯ ҳарчанд баъдтар шуъбаи ғоибонаи техникуми хоҷагии қишлоқи Тирмизро хатм намуд, дар ин соҳа кор накард. Ӯро ҳамчун овозхони боистеъдод ва пуртаҷриба роҳбари бадеии ансамбли тарона ва рақси «Шодиёна», ки дар назди Хонаи фарҳанги ноҳия амал мекард, таъин намуданд. Дар тадбирҳои идонаи ноҳиявию вилоят ва ҷумҳурӣ бо овози хушу марғубаш қалби ҳазорон дӯстдорони санъати асилро тасхир намуд. Саъдулло Беков, ба хусус дар байни мардуми тоҷики ноҳияҳои Сариосиёву Узун, Деҳнаву Олтинсой, Бойсуну Музработ ва Тирмизшаҳр маҳбубияти зиёд дошт. Азбаски бештар сурудҳои устоди бузурги санъат Ҷӯрабек Муродовро бо камоли маҳорат иҷро мекард, ӯро дар ҳозиру ғоибаш «Ҷӯрабеки воҳаи Сурхон» низ мегуфтанд. Ҳамчунин худаш ба ғазалҳои шоирони бузурги классик ва муосир Шайх Саъдиву Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Румиву Соиби Табрезӣ, Мирзо Турсунзодаву Лоиқ Шералӣ оҳангҳои ҷолиб баста, бо як лаҳни зебо тараннум мекард, ки писанди ҳамагон мешуданд. Бояд таъкид кард, ки қариб ҳама сурудҳои ӯ дорои мазмунҳои баланди тарбиявию ахлоқӣ буда, пиру ҷавонро ба роҳи рост, фазилатҳои неки инсонӣ ҳидоят менамуданд.

Солҳои охир бештар дар маъракаҳои саҳаргоҳии мардум иштирок ва ҳунарнамоӣ мекард. Суруду навоҳои рӯҳбахши ӯ, ки дар ҳамоҳангии танҳо ду асбоби суннатии мусиқӣ – тору доира ва баъзан бо иловаи най садо медоданд, ба гӯшу ҳушу қалби ҳозирин ҳузуру ҳаловат мебахшиданд.

Саъдулло Беков дар тӯли фаъолияти эҷодиаш бо бисёр санъаткорону овозхонҳои шинохта, аз ҷумла устодони санъат шодравон Тоҷиддин Муҳиддинов, Субҳон Саидов, Мастона Эргашева... ҳамкориву робитаҳои наздик дошт, овозхонҳои маъруфи Сариосиёву Узун Асадулло Қаландаров, Муҳаммадшариф Бердиев, Нуралӣ Муродалиев, Боймурод Меликов, Абдумаҷид Мирзоев, Азамат Бобоҷонов, Шамсиддин Маликов ва дигарон ӯро чун устоду дӯсти меҳрубон мешинохтанд.

Ӯ умри худро ба санъат бахшид. Бо саҳна зист, бо суруд зиндагӣ кард ва дар ин роҳ ба дӯстдорони санъат илҳом бахшид.

Саъдулло чанд соли охир аз бемории дил азият мекашид. Ҳарчанд фарзандон барои табобаташ кӯшиш намуданд, миқрози аҷал риштаи умри ӯро ба якборагӣ бурид.

Марги нобаҳангоми ин марди шариф ва сароядаи маҳбуб барои наздикону пайвандон, дӯстону ҳаводорони сершумори ҳунар ва шахсияти ӯ талафоти гарон гардид.

Ин лаҳзаҳо, ки гиря гулӯгирам мекунад, ба ёдам мисраъҳои шоир меоянд, ки ҳофиз бо овози гирову тасхиркунандаи худ хеле бадард мехонд:

*Мо мегузарему ин ҷаҳон*
*мемонад,*
*Ин олами пир ҷовидон*
*мемонад...*

**Абдураззоқ ШУКУРОВ,**
**омӯзгор аз ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

# БА СОҲИБКОРИ ҶАВОН

## *як миллиард сӯм қарзи имтиёзнок дода шуд*

**_Рушди чорводорӣ дар қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти гӯшт, таъмини амнияти озуқаворӣ ва устувории нархҳо аҳамияти калон дорад. Дар ин хусус дар минтақаҳои деҳот имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст._**

Аз тарафи роҳбари давлатамон барои таъмини шуғли ҷавонон, такмили дониш ва малакаҳои амалии соҳибкориву тиҷоратии ба онҳо додани қарзҳои имтиёзнок қарорҳои зиёде қабул карда шудааст.

Озодбек Камолов сокини маҳаллаи Қӯрғончаи ноҳияи Уйчӣ чор сол инҷониб бо чорвадорӣ машғул аст. Озодбек дар хоҷагии чорводориаш 25 сар чорвои зотҳои ангус ва симментал, инчунин 20 сар гӯсфанд дорад.

– Ман аз имкониятҳои ба ҷавонон додашуда истифода бурда, ба пешравии кори саркардаам, яъне васеъ кардани фаъолияти чорводорӣ шурӯъ кардам. Бо ин мақсад дар чорабинии «Рӯзи ҷавонон» ба ҳокими вилоят муроҷиат карда будам. Мутахассисони соҳа ва масъулони маҳалла бо фаъолияти кориам шинос шуданд ва муроҷиатамро дар ҷояш ҳал намуданд. Аз ҷониби «Алоқа банк» ба ман ба миқдори як миллиард сӯм қарзи имтиёзнок ҷудо карданд, – мегӯяд Озодбек.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
*вилояти НАМАНГОН.*


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 2059. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.